“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти забон ва
адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ
Салимӣ Н.Ю.__________________
«__»______________________2019

# ХУЛОСАИ ШУЪБАИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Ба диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ”, ки дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Муаллифи диссертатсия аспиранти шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ мебошад.

Роҳбари илмӣ – номзади илми филология Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович (Шамсиддин Муҳаммадӣ) мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 27. 06. 2019, суратҷаласаи № 6 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, мавзуи баҳси он “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ” мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб (2 фасл дар боби якум, 4 фасл ва 3 зерфасл дар боби дуюм, 2 фасл ва 3 зерфасл дар боби сеюм), хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Мавзуи мавриди таҳқиқ мубрам буда, аспирант кӯшиш кардааст, ки рӯзгор ва осори яке аз рубоисароён ва ғазалсароёни маъруфи охири асри XVI ва аввали асри XVII Саҳобии Астарободиро дар диссертатсияи худ таҳқиқ намояд. Саҳобии Астарободӣ дар садаи X ва XI ҳиҷрӣ-қамарӣ (охири асри XVI ва аввали асри XVII), дар замони салтанати шоҳ Аббоси Сафавӣ зиндагӣ намудааст. Сарчашмаҳо Саҳобиро яке аз орифони вораста ва покизаниҳоди маъруфи замони худ ба қалам додаанд. Онҳо доир ба рӯзгори Саҳобӣ иттилооте овардаанд, ки аз мақому мавқеи ин шоири ориф дар замони худ далолат мекунад. Аз ашъори ӯ бармеояд, ки дорои ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии васеъ мебошад. Инчунин, аз ашъори пандуахлоқии ӯ метавон хулоса кард, ки шоир дорои таҷрибаи зиёди

зиндагист. Ҷаҳонгардӣ ва таҷрибаи зиндагӣ ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки ашъори пандуахлоқии мондагоре дар қолаби сухани мавзун рехта, ба ояндагон мерос гузорад.

**Мақсади ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади аслии диссертатсия омӯзиши зиндагӣ, осори адабӣ ва муайян намудани мавқеъ ва ҷойгоҳи Саҳобии Астарободӣ дар адабиёти форсии тоҷикист.

Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур муаллифи диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерро ба миён гузоштааст:

- таҳқиқи рӯзгори Саҳобии Астарободӣ;
- омӯзиши осори адабии Саҳобии Астарободӣ;
- баррасии ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ;
- омӯзиши мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти адиб;
- баррасии мавзуи ишқу ошиқӣ дар ғазалиёти шоир;
- омӯзиши панду ҳикмат дар ғазалиёти шоир;
- муайян намудани бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ;
- омӯзиши мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ;
- баррасии андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир;
- баррасии андешаҳои ирфонии рубоиёти Саҳобӣ;
- андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти адиб;
- забон ва услуби баёни шоир.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Қабл аз ҳама ин диссертатсия метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI ва XVII ба кор бурда шавад, зеро то ҳол адабиёти асрҳои мазкур мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин диссертатсия метавонад дар таҳқиқи адабиёти асрҳои фавқуззикр маводи арзишмандеро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, барои таҳқиқи андешаҳои фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии шоир заминаи мусоид фароҳам созад.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Нововарии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷикӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти охири асри XVI ва аввали асри XVII, рубоисарои барҷаста Саҳобии Астарободӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашуда буд. Дар диссертатсия зиндагиномаи адиб ва осори ӯ, хусусан андешаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ва адабии шоир баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, навигарии илмии диссертатсияро нуктаҳои зер ташкил медиҳанд:

- бори нахуст ҷанбаҳои гуногуни осори адабии Саҳобии Астарободӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст;

- шахсияти шоир ба ҳайси як шоири бузурги рубоисаро, ғазалсаро, ориф ва ринду озодманиш исбот шудааст;

- саҳми шоир дар густариши жанри рубоӣ муқаррар карда шудааст;

- бори аввал мавзуву муҳтаво, ҷанбаҳои бадеӣ, сабку услуби рубоиёт ва ғазалиёти адиб таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Диссертатсия аввалин пажӯҳиш доир ба ҳаёт ва осори Саҳобии Астарободӣ буда, дар он қариб тамоми маъхазҳо, хусусан тазкираву баёзҳо, ки дар бораи шоир иттилоъ додаанд, зикр гардидаанд. Илова бар ин, доир ба нусхаҳои қаламии ашъори адабию фалсафии шоир дар китобхонаву осорхонаҳои ҷаҳон, ки маҳфузанд, маълумот дода шудааст. Аз ин рӯ, он ҳамчун пажӯҳиши аввалин барои таҳқиқоти баъдии рӯзгор, осори адабию фалсафии шоир ва сабку услуби шеъри ӯ заминаи хубест.

Қисматҳое аз диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар Конференсияи илмӣ-амалӣ ба ифтихори Рӯзи Парчами миллӣ дар мавзуи «Ҷавонон–парчамбардори илми муосир» дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакии АИ ҶТ (Душанбе, 2016) ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ироа шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 10 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст. Диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович аз нигоҳи мазмуну мундариҷа аҳамияти илмӣ-амалӣ дошта, ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод карда мешавад.

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ” дар ҷаласаи шуъбаи таърихи

адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар ҷаласа 9 нафар, аз ҷумла 7 нафар аъзои сексия, иштирок доштанд, аз онҳо "тарафдор" - 7, "муқобил" - нест, "бетараф" нест, суратҷаласаи № 6, аз 27. 06. 2019.

Раисикунанда
мудири шуъбаи таърихи
адабиёт, доктори илми
филология, профессор
E-mail: sattorzoda@mail.ru
Телефон: (+992) 918 45 98 16 А. Сатторов

Котиб: А. Маликова

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza.tj

Имзои А. Сатторов ва
А.Маликоваро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО